## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт ва матншиносӣ**

Таҳқиқ ва омӯзиши осори насрӣ, ки дар мавзӯи ахлоқ ба қалам омадаанд, аз муҳимтарин пажӯҳишоти филологӣ маҳсуб мешавад. Ҳамон гуна, ки маълум аст, донишмандон ва нависандагони мо аз давраҳои қадим ба илми ахлоқ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд, ки ин нуктаро «андарзнома», «худойнома», «тоҷнома» ва «оиннома»-ҳо возеҳ месозад.

Дар арси XIV низ насри ахлоқӣ рӯ ба рушд гузошт. Осори гаронбаҳои ахлоқӣ маҳз дар ҳамин давра ба қалам омадаанд. Аммо ба омӯзишу таҳқиқи ин гуна осор адабиётшиносони мо хеле кам таваҷҷуҳ намудаанд.

Аз ин рӯ, холигоҳи мавзӯи мазкурро Нигматов Нӯмонҷон Исломович дарк намуда, кӯшиш намудааст, ки дар доираи рисолаи хеш таҳти унвони «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» ба пажӯҳиши густурдаи он машғул шуда, хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV-ро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Рисола аз муқаддима, се боб ва ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима зарурат ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, равиши таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, арзиши амалӣ ва назарии рисола, навоварии рисола, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда зикр гардидааст. Дар бахши зарурати омӯзиши мавзуъ диссертант ановини бахше аз осори ахлоқиро аз давраи паҳлавӣ то асри мавриди таҳқиқ номбар намудааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони “Таърихи насри ахлоқӣ ва таҳаввули он дар давраҳои сабки наср” аз чаҳор фасл иборат аст. Фасли

аввали боби мазкур “Пешинаи таърихии насри ахлоқӣ” (аз оғоз то аҳди Сомониён) унвон дошта, дар он аз пайдоиши насри ахлоқӣ ва осори ахлоқии паҳлавӣ, ба монанди «андарзнома», «пандномa», «тоҷнома», «худойнома» ва «оиннома»-ҳо сухан меравад. Аз қалами муаллифи диссертатсия «худойнома»-ву «сияр-ул-мулук», «тоҷнома»-ву «оиннома»-ҳо низ берун намондааст. Зеро мардуми эронитабор ҳанӯз дар давраҳои қадим ба навиштаҳое, ки дар онҳо масоили ахлоқӣ матраҳ аст, таваҷҷуҳ доштаанд. Фасли мазкур таърихи пайдоиши насри ахлоқиро ба тамошо мегузорад, ки яке аз муваффақиятҳои муаллифи диссертатсия аст.

Фасли дуюми боби аввал “Насри ахлоқӣ дар аҳди сабки хуросонӣ” унвонгузорӣ шудааст. Ин фасл аз пайдоиши насри форсӣ маълумоти ҷолиберо дар худ ғунҷонидааст. Ба зерфаслҳо ҷудо намудани фасли мазкур ба диссертант имконият додааст, ки ба таври равишманд осори ахлоқии давраи мазкурро муаррифӣ намояд. Дар зерфасли аввал бо номи “Насри ахлоқӣ дар тафсирҳо” тафосире, ки дар онҳо ҷанбаҳои ахлоқӣ бештар намудор аст, ба монанди «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», «Тафсири Қуръони пок», «Тафсири Кембриҷ» муаррфиӣ ва баррасӣ ёфтаанд.

Зерфасли дуюми фасли мазкур таҳти унвони “Насри ахлоқӣ дар таърихномаҳо” муҳимтарин таърихномаи давраи мазкур, яъне «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-ро ба баррасӣ кашидааст. Дар он муҳимтарин ҷанбаҳои ахлоқии ин таърихнома дар асоси далелу иқтибосҳо баррасӣ гардидааст. Дар зефасли сеюм бо номи “Насри ахлоқӣ дар осори ирфонӣ ва каломӣ” он осоре муаррифӣ гардидаанд, ки бештар гароиши ирфонӣ ва каломӣ доранд. Осоре чун «Нур-ул-улум»-и Харақонӣ (ваф. 425/1034), «Шарҳ «ат-Таарруф лимазҳаби-т-тасаввуф»-и Абӯбакри Калободӣ (ваф. 380/990), «Савод-ул-аъзам»-и Ҳаким Самарқандӣ (ваф. 342/953), «Пандномa»-и Мотуридии Самарқандӣ (ваф. 333/945), «Пандномa»-и Ибни Сино ва ғ. ба ин гурӯҳи таълифот шомиланд. Аз ин маълум мешавад, ки дар давраи Сомониён насри

ахлоқӣ бештар дар дили тафсирҳо, осори таърихӣ ва ирфонию каломӣ маҳфуз мондааст.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсия Насри ахлоқӣ дар даврони сабки байнобайн унвон дошта дар он осори ахлоқие, ки бо сабки насри байнобайн ба қалам омадаанд, муаррифӣ гардидаанд. Дар ин бахш «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ, «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Абӯҳомид Ғаззолӣ ва «Хон-ул-ихвон»-и Носири Хусрав муаррифӣ гардидаанд, ки бешак тамоми ин осор бо матолиб ва тавсияҳои ахлоқӣ ғанӣ ҳастанд. Метавон гуфт, ки нахустин китобҳои ахлоқии хоса ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар давраи сабки байнобайн навишта шудаанд, ки ин ҳақиқат дар диссертатсияи Нигматов Н. исботи худро ёфтааст.

“Насри ахлоқӣ дар давраи сабки насри фаннӣ” фасли чаҳоруми боби аввали диссертатсия чунин номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл диссертант осори насрие, ки дар онҳо масоили ахлоқӣ матраҳ гардидаанд, муаррифӣ кардааст. «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Хираднома»-и Абулфазл Юсуф ибни Алии Муставфӣ, «Макорим-ул-ахлоқ»-и Разиюддини Нишопурӣ, «Одоб-ул-ҳарби ва-ш-шуҷоат»-и Муҳаммад ибни Мансур ибни Саиди Муборакшоҳ, маъруф ба «Фахри Мудаббир», «Синдбоднома»-и Муҳаммад ибни Алии Самарқандӣ, машҳур ба «Заҳирии Самарқандӣ»,«Равзат-ул-уқул»-и Муҳаммад ибни Ғозии Малтивӣ, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Туҳфат-ул-мулук»-и Алӣ ибни Абӯҳафси Исфаҳонӣ, «Фароид-ус-сулук»-и Исҳоқ ибни Иброҳими Саҷосӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Муҳташамӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Латоиф-ул-ҳикмат»-и Сироҷуддин Маҳмуд фарзанди Абӯбакри Урмавӣ, «Дастур-ул-вазорат»-и Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Ҳусайни Исфаҳонӣ аз ҷумлаи осори мумтози ахлоқӣ мебошанд, ки бо насри фаннӣ навишта шудаанд. Қисми

бештари осори номбурда дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал муаррифӣ мешаванд ва баррасиву таҳлили мундариҷа, сабки таълиф, хусусиятҳои поэтикиву адабӣ ва дигар ҷанбаҳои ин осор метавонад дар рушди адабиётишиносӣ саҳми бориз бигузорад. Аз баррасиву таҳлили диссертант маълум мешавад, ки осори дар боло овардашуда заминаи рушду ташаккули насри ахлоқии давраҳои баъдиро фароҳам сохтааст.

Боби дуюми таҳқиқот "Нусхашиносӣ ва сабки таълифи осори ахлоқии асри XIV" унвонгузорӣ шуда ба 3 фасли умда тақсимбандӣ гардидааст. Фасли аввал "Осори хосаи ахлоқӣ дар асри XIV" унвон гирифта дар он осори хосаи ахлоқӣ ба таҳқиқ кашида шудааст. Ин қисмати рисола дар худ маълумоти ҷолиби диққат ва ҳамзамон муфидро ғунҷонидааст. Ҳар асаре, ки муаррифӣ мешавад, дар поён нусхаҳои он аз ҷониби муаллифи рисола шиносонида шудааст. Осоре, чун «Нигористон»-и Муинуддини Ҷувайнӣ, «Туҳфа»-и Шарафуддини Қазвинӣ, «Хористон»-и Маҷди Хофӣ, «Одоб-ус-суфра»-и Алоуддавлаи Симнонӣ, «Ахлоқ-ул-ашроф» ва «Сад панд»-и Убайди Зоконӣ, «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ ҳамчун осори сирф ахлоқии асри XIV муаррифӣ гардидаанд. Дар асоси феҳристҳои нусхаи хаттӣ ва дигар манбаъҳои муътамад диссертант осори ношинохтаи ахлоқиро, ба монанди «Дар илми таҳзиби ахлоқ», «Ахлоқ», «Ахлоқи динӣ», «Саҳоиф дар илми ахлоқ», «Мавоиз» ва «Рисола дар ахлоқ» бозшиносӣ намудааст. Дастоварди диссертант Нигматов Н.И. дар ин самт дар он зоҳир мешавад, ки ӯ осореро муаррифӣ менамояд, ки ин осор то имрӯз аз назари адабпажӯҳон дур монда буданд.

"Мероси ахлоқию ирфонӣ дар асри XIV" унвони фасли дуюми боби дуюми диссертатсия мебошад. Диссертант таъкид месозад, ки дар асри мавриди таҳқиқ китобҳои ирфоние ба қалам омадаанд, ки масоили ахлоқӣ бахши муҳими онҳоро ташкил намудаанд. Дар ин замина осоре, чун «Равзату-н-нозир ва нузҳат-ул-хотир»-и Абдулазизи Кошонӣ, «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, «Одоб-ус-суфра»-и

Алоуддавлаи Симнонӣ, «Тараб-ул-маҷолис»-и Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, «Авpод-ул-аҳбоб ва фусус-ул-одоб»-и Абулмафохири Бохарзӣ, «Мисбоҳ-ул-ҳидоят ва мифтоҳ-ул-кифоят»-и Иззуддини Кошонӣ ва ғ. муаррифӣ гардидаанд.

«Футувватномаҳо ҳамчун манобеи насри ахлоқӣ» унвони фасли сеюми боби мазкур аст. Ҳамон гуна ки аз номи фасл пайдост, дар он мавзӯи ахлоқ дар футувватномаҳо ба баррасӣ гирифта шудааст. Нигматов Н.И. дар ин фасл аз таърихи футувватноманависӣ ёдовар мешавад. Сипас ба мавзӯи асосӣ баргашта, вориди баҳс мешавад. Мусаллам аст, ки бахше аз масоили ахлоқӣ маҳз дар футувватномаҳо маҳфуз мебошад.

Аз мутолиаи боби мазкур маълум мешавад, ки футувватномаҳо ва осори ирфонӣ низ дар ташаккул ва рушду такомуи насри ахлоқии асри XIV саҳми бориз гузоштаанд.

Боби сеюми диссертатсия бахши асосӣ маҳсуб ёфта, “Баррасии хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV” номгузорӣ ва дар 4 фасл таҳқиқ шудааст. Фасли аввали боби сеюм “Нақду таҳлили осори ахлоқии асри XIV аз нигоҳи матншиносӣ” ном гирифта дар он ба зерфаслҳо тақсимбандӣ гардидааст. Ба диссертант муяссар гардида, ки масоили матншиносии осори ахлоқии асри XIV-ро ба хубӣ ва мӯшикофона таҳлилу баррасӣ намояд. Диссертант сабабҳои роҳёбии ғалатҳо дар мутуни насри ахлоқии асри XIV-ро ба ҷудо намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия «Санъатҳои бадеӣ дар насри ахлоқии асри XIV» номгузорӣ шудааст. Диссертант муҳимтарин санъатҳои лафзиву маънавиро, ки дар расонаҳои ахлоқии асри XIV истифода гардидаанд, пажӯҳидааст. Фасли сеюми боби мазкур «Корбурди ашъор дар насри ахлоқии асри XIV» номгузорӣ шудааст. Дар он истифодаи ашъор дар осори ахлоқии асри XIV таҳқиқ гардидааст. Муаллифи диссертатсия мавзӯи истифодаи ашъорро дар се ҳолат ба

риштаи таҳқиқ кашидааст: истифода аз ашъори шуарои пешин; истишҳод ба ашъори худ; бахрабардорӣ аз ашъори арабӣ.

Фасли чаҳоруми боби сеюми диссертатсия «Маъхазшиносии осори ахлоқии асри XIV» унвон дорад. Муаллифи диссертатсия бо такя ба кутуби тафосир, табақоту таърихномаҳо, донишномаҳои ахлоқӣ, кашкӯлҳо, осори ирфонӣ ва девону маҷмӯаҳои шеърӣ сарчашмаҳои фикрӣ ва манобеи таърихию адабӣ ва илмию фалсафӣ, ки муаллифони осори ахлоқӣ аз онҳо истифода кардаанд, муайян кардааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки барои муайян намудани сарчашмаҳои фикрии нависандагон аз муҳаққиқ доираи мутолиаи васеъ ва огоҳӣ аз забони арабиро тақозо менамояд. Ба Нигматов Н.И. муяссар шуда, ки мавзӯи мавриди баҳсро ба хубӣ таҳлил ва баррасӣ намояд.

Диссертатсияи Нигматов Н.И. дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» бо сабки хуби илмӣ, таҳлилҳои жарфи филологӣ таълиф ёфтааст. Баррасиҳои диссертант ба таври равишманд рӯи коғаз омадаанд. Истиқлоли назари муаллиф, баҳрабарӣ аз сарчашмаҳои боэътимоди илмию адабӣ, дониши хуби забони арабӣ ба диссертант имкон додааст, ки таҳқиқоти хубе анҷом додааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, киислоҳи онҳо ба ҳусни рисола хоҳад афзуд:

1. Дар таърихи адабиёти порсии тоҷикии асри XIV теъдоди зиёди осори ахлоқӣ дар жанрҳои гуногун навишта шудааст. Дар рисола равшан нашудааст, ки ба кадом асос муаллифи рисола Нигматов Н.Н. ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ «Туҳфа»-и Шарафуддини Қазвинӣ, «Аврод-ул-аҳбоб ва фусус-ул-одоб»-и Абулмафохири Бохарзӣ, «Таҳзиби ахлоқ»-и Шамсуддин Маҳмуди Омулӣ, «Туҳфат-ул-ихвон»-и Абдурраззоқи Кошонӣ, «Мисбоҳ-ул-ҳидоят ва мифтоҳ-ул-кифоят»-и Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ, «Тараб-ул-маҷолис»-и Амир Ҳусайнии

Ҳиравӣ, «Одоб-ус-суфра»-и Алоуддавлаи Симнонӣ, «Нигористон»-и Муинуддини Ҷувайнӣ, футувватномаҳо ва иддае аз мутуни ахлоқиро интихоб намудааст.

2. Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ яке аз бахшҳои муҳим ва бунёдии рисола ба шумор меравад. Масъалаи мазкур бояд таҳлил карда шавад, на тавсиф, зеро танҳо баррасии интиқодии мавзӯъ паҳлуҳои камомӯхташуда ва ҷанбаҳои таҳқиқнашудаи масъалаи меҳварии рисоларо муайян мекунад ва ба пажӯҳишгар имкон фароҳам меоварад, то дар ин замина бар вежагию навовариҳои рисола ва аҳамияти интихоби мавзуи хеш таъкид бикунад. Ба назар мерасад, ки муаллиф танҳо бо зикри ному унвони рисолаҳои иддаи хурде аз пажӯҳандагони насри ахлоқии порсии тоҷикӣ иктифо карда, хулоса мекунад, ки "Таъкид намудан бамаврид аст, ки дар ҳеҷ кадом аз таҳқиқоти судманди ёдшуда осори ахлоқии асри XIV ба таври ҷомеъ муаррифӣ наёфтаанд ва хусусиятҳои матншиносиву поэтикии онҳо таҳқиқи вижа напазируфтаанд.". (саҳ. 7-уми рисола). Барои чунин хулоса мебоист диссертант таҳлили муфассали интиқодие аз манобеи мавриди баррасии хеш ироа мекард.

3. Зербахши дуюми фасли дуюми боби аввали рисола, ки "Насри ахлоқӣ дар таърихномаҳо" унвон дорад ва дар он танҳо як таърихнома оварда шудааст. Зикри дигар таърихномаҳои давраи мазкур низ дар ин ҷо мувофиқи мақсад аст.

4. Яке аз вазифаҳои меҳварии таҳқиқоти анҷомёфта нусхашиносии осори мансури ахлоқии асри XIV ба шумор меравад. Барои баррасии комили ин масъала муаллифи рисола бояд дастрасӣ ба марказҳои нусахи хаттии порсӣ медошт. Он гуна ки ба мушоҳида мерасад, муаллифи рисола аз феҳристҳои Блоше, Иванов, Муқтадир, Эраҷ Афшор, О. Ф. Акимушкин, Феҳристҳои нусхаҳои хатии марокизи таҳқиқотӣ ва китобхонаҳои Россия, Арманистон, Узбекистон ва ғайра, ки нусхаҳои

муътабари осори насри ахлоқии порсии тоҷикӣ, аз ҷумла осори ахлоқии қарни XIV тавсиф шудаанд, муроҷиат накардааст. Масалан, дар феҳристи нусахи хаттии Пажӯҳишгоҳи нусхаҳои шарқии Академияи илмҳои Россия (Санкт Петербург) 49 рисола дар мавзӯҳои ахлоқ ва адаб ба забони форсӣ мавҷуд аст, ки дар байни онҳо 19 нусха аз "Ахлоқи Муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Кайфияти илмии таҳқиқи нусхашиносии осор он гоҳ арзанда хоҳад буд, ки муҳаққиқ бевосита ба ҳаддиаксари нусахи хаттӣ ё аққалан ба маълумоти нусхашиносӣ дар бораи онон дастрасӣ дошта бошад.

5. Муаллифи рисола ба ин назар аст, ки "мавзӯи мазкурро дар се мабҳаси алоҳида – насри ахлоқӣ дар **осори хосаи ахлоқӣ**, дар **осори ахлоқӣ-ирфонӣ** ва дар **футувватномаҳо** таҳқиқ намудан самараи бештар хоҳад овард." Нигоҳи сатҳӣ ба раванди адабиёти қарни XIV нишон медиҳад, ки мавзӯи ахлоқ дар ҳама жанрҳои адабӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ аст. Бахусус осори таълимии ирфонӣ, осори назарии ирфонӣ мутааддиде дар ин аср дар тамоми қаламрави забони порсӣ, бахусус дар Мовароуннаҳр нигошта шуд. Рисолаи орифи қарни XIV Муҳаммад ибни Аҳмади Бухорӣ, яке аз намояндагони барҷастаи тариқати нақшбандия «Маслак ул-орифин» ва даҳҳо рисолаҳои дигари ахлоқӣ дар Китобхонаҳои Тоҷикистон ва Узбекистон мавҷуданд, ки аз назари Нигматов Н.Н. дур мондаанд. Агар насри ахлоқии порсии тоҷикӣ, ки сайри таҳаввули он дар боби аввали рисола тавсиф шудааст, тасниф (классификатсия) мешуд, анвои дигари мутуни ахлоқӣ аз доираи пажӯҳиши мазкур берун намемонд.

6. Баррасии санъатҳои бадеӣ дар насри алоқии асри XIV дар даҳ саҳифа анҷом ёфтааст (саҳ. 97-106), ки кам аст. Хуб мебуд, агар муаллифи рисола ба ин масъала, ки асоси илми поэтика аст, муфассалтар машғул шуда, ба ин васила бар арзиши илмии пажӯҳиши хеш меафзуд.

7. Чаро насри ахлоқӣ дар тафсирҳои ирфонӣ баррасӣ нашудааст? Тафосири ирфонӣ бо забони зебои ҳунарӣ нигошта шудаанд ва беҳтарин намунаи насри форсии тоҷикӣ ба шумор меравнд. Баррасии илмии мавзӯи ахлоқ дар ин навъи насри классик аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Матолибе, ки дар боло қайд шуданд ислоҳпазир буда, муаллифи рисола вазифаҳои дар назди хеш гузоштаро ба хубӣ ҳаллу фасл намудааст ва кори ӯ таҳқиқ анҷомёфтаи илмӣ ва пажӯҳиши ҷадиде дар адабиётшиносии тоҷик қаламдод мешавад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои рисоларо инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Нигматов Н.И. дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт ва матншиносӣ мебошад.

доктори илмҳои филологӣ,
Директори Китобхонаи
маркази илмии Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Сӯфиев Шодимаҳмад Зикриёевич

Имзои Сӯфиев Шодимаҳмад
Зикриёевичро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Китобхонаи
маркази илмии Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мусаввирова Ш.
10.12.2019

Центральная научная библиотека им. И.Ганди АН, Р. Тадж.
Китобхонаи маркази илмии ба номи И.Ганди Академияи илмҳои Ҷ. Тоҷик.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе: Хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: sufizadeh@gmail.com
Тел: +992907701111